*Дар сатҳи давлатӣ таҷлил гардидани ҷашни модарону бонувони соҳибэҳтиром нишонаи сари таъзим фуруд овардан назди олиҳаест, ки тамоми ҳастии худро барои офариниши ҳаёти башар ва рушду камоли инсоният сарф менамояд.*

*Эмомалӣ РАҲМОН*

*Иттифоқ аст он, ки ҳар душворро осон кунад,*
*Варна аз тадбири як нохун гиреҳ натвон кушод.*


# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№ 3 (90)
8 МАРТИ СОЛИ 2017
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

Нашрияи Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон


# ПЕШВОИ МИЛЛАТ:
## Модарони худро дӯст доред!

### Иштирок дар ҷамъомади идона ба ифтихори Рӯзи модар

**07.03.2017, шаҳри Душанбе**



Имрӯз дар Кохи Борбад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни Рӯзи модар чун анъанаи накуи наврӯзӣ бо занону бонувони фаъоли кишвар мулоқоти судманду самимӣ доир карданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиёни ҷамъомад ва дар шахси онҳо тамоми модарону бонувони мамлакатро бо Рӯзи модар ва оғози эҳёи табиат табрику таҳният гуфтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон модарро офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерӯбахши рӯҳу ҷон номиданд ва таъкид доштанд, ки маҳз ба ҳамин хотир, мардуми тоҷик ва умуман, аҳли башар ба ин тимсоли беҳамтову ҷовидона арҷ мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш ҳамеша сари таъзим фуруд меоранд.

Сабаби дар сатҳи давлатӣ ва бо тантанаву шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани Рӯзи модарро Президенти мамлакат нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон арзёбӣ карданд. Ба андешаи Сарвари давлат нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон модари тоҷикро ба хазинаи бебаҳое баробар карданд, ки тамоми қувваи худро барои тарбияи фарзандони соҳибмаърифату ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамида ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо сарф месозанд. Модари тоҷик ҳазорон нафар фарзандони бонангу номус, ҷасуру ватандӯст, абармардони хирадманду фарзона, сиёсатмадорони номдору фидокор ва номбардори миллатро ба дунё оварда, дар оғӯши пурмеҳри худ ба камол расонидааст ва онҳоро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан раҳнамоӣ кардааст.

Бино ба таъкиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи дастгирии занону духтарон аҳаммияти аввалиндараҷа дода, ин иқдомро ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат табдил додааст. Аз ҷумла, дар доираи иқдомҳои созанда Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ Ҳукумати кишварро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати муқаррар намудани квота ва имтиёзҳо дар зинаҳои гуногун барои занону духтарон чораҷӯӣ намоянд ва дар муассисаҳои низоми бонкӣ, хадамоти алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ ба кор ҷавондухтарону бонувони болаёқату соҳибкасб ҷалб карда шавад. Ин тадбир ҳамчунин дар доираи сиёсати гендерӣ амалӣ карда хоҳад шуд.

Бо мақсади мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкории занон Қарори Ҳукумати мамлакат “Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020” қабул шудааст.

Таъкид гардид, ки нақши занони бофарҳангу соҳибмаърифат дар ташвиқу тарғиби пойдории оила ва ҷомеаи солим, инчунин, иштироки онҳо дар таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ низ назаррас мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабули Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифодакунандаи ҳолати кунунӣ ва дурнамои сиёсати давлат дар самти таҳкими мақоми оила маънидод карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баланд бардоштани сатҳи маълумоту маърифат дар миёни занону духтаронро шарти муҳимтарини беҳтар гардидани дараҷаи зиндагӣ, коҳиши камбизоатӣ, ҳалли масъалаи шуғл ва рафъи бекорӣ арзёбӣ карданд ва волидонро ба тарбияи ҳамаҷонибаи фарзандон ҳидоят намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши модаронро дар солиму бофарҳанг ба воя расидани фарзандон рисолати бузурги инсонӣ номиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ба хотири гиромидошти модар ва расидан ба шабзиндадориҳои ӯ мо, фарзандон, бояд ҳамеша эҳтироми модаронро ба ҷо орем.

Аз ин рӯ, Пешвои миллат ҳозирин ва кулли ҳамватанонро даъват намуданд, ки модарони худро дӯст доред, нисбат ба онҳо меҳрубону ғамхор бошед, иззаташонро ба ҷо оварда, ҳаргиз озорашон нарасонед ва нигоҳи пур аз меҳру шафқатро аз онҳо дареғ надоред. Зеро қарзи фарзандии мо дар назди шахсияти муборaку биҳиштии модарон ҳамин аст.

Дар охир изҳори умедворӣ карда шуд, ки занону модарон минбаъд низ ҳамчун офарандаи зиндагиву зебоӣ, бақои меҳру муҳаббат ва чароғи хонадон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар фаъолона ширкат варзида, ба хотири пешрафти давлатамон рисолати созандагии худро бо садоқату устувории модаронаи худ идома медиҳанд.

**Prezident.tj**

---

**Лоиқ ШЕРАЛӢ**

## ВОЛОТАР АЗ ҲАМА

Як дами ҷон костани модарон
Беҳ зи ҳама муъҷизи пайғамбарон.

Як нигаҳи шуълавари модарон
Беҳ зи ҳама анҷумани ахтарон.

Як сухани бонамаки модарон
Беҳ зи ҳама ҳикмати донишварон.

Як асари маслиҳати модарон
Беҳ зи ҳама доварии доварон.

Як ҳунари ҳамдамии модарон
Беҳ зи ҳама ҷодуи санъатгарон.

Як нафаси сӯхтани модарон
Беҳ зи ҳама сӯзи дили шоирон.

Як табусӯзи ҷигари модарон
Беҳ зи ҷигардории сарлашкарон.

Як мадади фотиҳаи модарон
Беҳ зи ҳама шаш ҷиҳати бекарон.

Пас, ба қадамҳои шумо, модарон,
Хок шаванд аз ҳама волотарон.

Пас, ба қадамҳои шумо, модарон,
Кавну макон бод фидо, модарон!

---

**Муҳаммад ҒОИБ**

## Зиндагибахшанда

Дар ҷаҳони меҳрубонӣ беназирӣ, модарам,
Дар диёри бовафоён ту амирӣ, модарам.

Хонашиниҳои ту моро ҷаҳонбин кардааст,
Баҳри озодии мо дар худ асирӣ, модарам.

Зуд гарди осиёби умр бар мӯят нишаст,
Аз ҷавонӣ аз ғами мо ранги пирӣ, модарам.

Сурхрӯ аз сӯхтанҳо нони иқболи ту шуд,
Дар танӯри зиндагӣ мисли хамирӣ, модарам.

Бори нози мо миёни қалбҳоро бишканад,
Ту фақат ин борро бар дӯш гирӣ, модарам.

Илми роҳи ҷонфидоиро ба мо омӯхтӣ,
Садқаат бодо ҳазорон ҷон, кабирӣ, модарам.

Имтиҳони маргро дар зиндагӣ биспурдаӣ,
Зиндагибахшандаӣ, ҳаргиз намирӣ, модарам.

# МОДАР- САРЧАШМАИ МЕҲРУ МУҲАББАТ ВА НЕРӮБАХШИ РӮҲУ ҶОН

## Суханронӣ ба ифтихори Рӯзи модар

**07.03.2017, шаҳри Душанбе**

**Модарон ва хоҳарони гиромӣ!**
**Ҳозирини арҷманд!**

Модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо, сарчашмаи меҳру муҳаббат ва нерӯбахши рӯҳу ҷон мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми тоҷик ва умуман, аҳли башар ба ин тимсоли беҳамтову ҷовидона арҷ мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш ҳамеша сари таъзим фуруд меоранд.

Мо низ бо ҳамин сабаб ҷашни фархундаи Рӯзи модарро бо фарорасии баҳор ва Соли нави аҷдодӣ мутобиқ карда, ин ду рамзи некиву саодатро пайи ҳам таҷлил менамоем. Зеро меҳру муҳаббат ва файзу сафои модарон бо айёми эҳё шудани табиат таҷассумгари идомаи ҳаёт ва фардои нек мебошад.

Ба ифтихори ин ҷашни бисёр муборaку фараҳбахш, яъне Рӯзи модар тамоми модарону бонувони мамлакат, фарзандони некбахти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро аз самими қалб табрик гуфта, бароятон хушбахтиву иқболи нек, толеи баланд ва рӯзгори ободу осударо орзу менамоям.

Дар сатҳи давлатӣ ва бо тантанаву шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани Рӯзи модар нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон мебошад, зеро нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст.

Бонувони мо дар корҳои давлатдорӣ низ фаъол буда, барои пешрафти ҷомеа ва давлат баробари мардон талош менамоянд.

Ҳар кадоми шумо, модарону хоҳарони гиромӣ, таранумгари зебоӣ, нигаҳдорандаи меҳру муҳаббат ва идомабахши анъанаҳои неки гузаштагонамон буда, дар замири фарзандон меҳри Ватан, падару модар, эҳтироми калонсолон ва арҷ гузоштан ба инсониятро ҷой медиҳед ва онҳоро чун боғбони насли одамӣ парвариш менамоед.

Шоир низ бо дарназардошти ҳамин фазилатҳои модарон гуфтааст:

**Файзи ҳастӣ аз вуҷуди**
**меҳрубони модар аст,**
**Асли мо, ному нишони**
**мо забони модар аст.**

Суруди аввалине, ки ба гӯши фарзанд расида, ӯро хоби роҳат мебахшад, аллаи рӯҳнавози модар аст. Меҳри модари мушфиқу ғамхор барои ҳар як фарзанд аз оғӯши гаҳвора ва айёми тифлӣ оғоз ёфта, ӯро то лаҳзаҳои вопасини умр раҳнамоӣ мекунад ва мадору қувват медиҳад. Яъне, бӯи биҳиштии модар ва лаззати шири поку сафедаш аз машоми фарзанд ҳаргиз зудуда намегардад.

Беҳуда нест, ки гузаштагони хирадманди мо ҳанӯз чанд ҳазор сол қабл ҷашни модарро бо номи «Сипандормуз» таҷлил мекарданд ва ҳар субҳ рӯзи худро бо ниёиши неку хайрхоҳонаи «Дуруд ба зан, дуруд ба мард, дуруд ба зиндагӣ» шурӯъ менамуданд.

Аз ин бармеояд, ки Рӯзи модар муборактарин рӯз аст ва хизмати фарзанд дар қиёси ранҷу заҳматҳои модар фақат қатрае аз баҳрро мемонад.

Зан – модар муҷассамаи гӯёи зиндагӣ ва ширинтарин лафз дар забони одамӣ мебошад. Дар ақсои олам низ сатҳи фарҳанги ҳар қавму миллатро вобаста ба муносибати он ба занону модарон муайян менамоянд.

Имрӯз бо қаноатмандӣ метавонем изҳор намоем, ки занону модарони мо дар ҷомеа мақому мавқеи сазовор доранд ва арзишҳои оиладорӣ, инсонӣ ва миллиро дар миёни фарзандони худ ва ҷамъият бо масъулияти баланд тарғиб менамоянд.

Дар урфият мегӯянд, ки зани соҳибмаърифату боиффат гавҳар ва зани ҳунармандy кадбонуи сариштакор хазина аст. Ба ин маънӣ, занону модарони мо хазинаи бебаҳое мебошанд, ки тамоми қувваи худро барои тарбияи фарзандони соҳибмаърифату ватандӯст, дорои ахлоқи ҳамида ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо сарф месозанд.

Модари тоҷик ҳазорон нафар фарзандони бонангу номус, ҷасуру ватандӯст, абармардони хирадманду фарзона, сиёсатмадорони номдору фидокор ва номбардори миллатро ба дунё оварда, дар оғӯши пурмеҳри худ ба камол расонидааст ва онҳоро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан раҳнамоӣ кардааст. Аз ин хотир, дӯст доштан, эҳтиром кардан, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати модар расидан қарзи инсонии ҳар як фарзанди бедордил ва бонангу номус мебошад.

Агар ободиву суботи ҷомеаро осоишу оромии ҳар як оила таъмин намояд, дар навбати худ, ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат ва тандурустии зан – модар сарчашма мегирад.

Таҷрибаи ҳаёт ва таърихи башарият собит месозад, ки дар ҳар кишваре, ки ба модарону бонувон арҷи бештар мегузорад, аҳолии он осудаву пешрафта мебошад.

Дарвоқеъ, ба шарофати модар ҳаёт дар рӯи замин бардавому пойдор ва маҳз ӯ олитарин муқаддасоти башарӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳар яки мо симои аз ҳама маҳбубу меҳрубон ва нотакрору ҷовидона модар аст.

Модар бароямон на танҳо азизтарин шахс, балки гаронбаҳотарин сарвати миллату давлатамон ба шумор меравад.

Дили тавонои модар муҳаббатро мепарварад, рӯҳафтодаву дилшикастагонро умед мебахшад, ба ҳар кадоми мо боли парвоз ва нерӯи зиндагӣ ато мекунад. Бинобар ин, мо вазифадорем, ки қадру манзалати занону модаронро ба таври шоиста ба ҷо орем ва дар хотир дошта бошем, ки сарчашмаи бузургии кулли бузургони ҷаҳон модар аст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи дастгирии занону духтарон аҳаммияти аввалиндараҷа дода, ин иқдомро ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат табдил додааст.

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ бо дарназардошти хизматҳои арзандаи занону духтарон дар таъмин ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ду пешниҳод намудам, ки ҳадаф аз онҳо низ ҳимояи мақоми ин табақаи фаъоли иҷтимоии мамлакат мебошад.

Аввалан, таъкид гардид, ки Ҳукумати кишвар ва ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ҷиҳати муқаррар намудани квота ва имтиёзҳо дар зинаҳои гуногун барои занону духтарон чораҷӯӣ намоянд.

Ин иқдом имкон медиҳад, ки аз сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот то зинаҳои болоӣ духтарону бонувони бомаърифат, фаъолу ташкилотчӣ ва пешқадаму ташаббускор ба кор ҷалб карда шаванд ва ба халқу Ватан хизмат намоянд. Дуюм, бо мақсади ҷалб кардани занону духтарон ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ, хадамоти алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ дастур дода шуд, ки минбаъд ба кор ҷавондухтарону бонувони болаёқату соҳибкасбро даъват намоянд, то дар ин сохторҳо низому тартиботи кор боз ҳам тақвият ёбад.

Ҳар ду пешниҳод ба хотири он аст, ки мо дар оянда аз нерӯи созандаи бонувону духтарон боз ҳам бештар истифода бурда, ба амалӣ гардидани ташаббусҳои онҳо мусоидат намоем. Зеро дар мавриди сиёсати гендерӣ Ҳукумат ҳамеша ҷонибдори ибтикороти занону духтарон аст ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.



Ҳоло дар кишвари мо имконият фароҳам оварда шудааст, ки занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баробари мардон ширкати бевосита ва фаъол дошта бошанд.

Дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ шуда истодаанд, ки аз манфиатҳои духтарону бонувон ҳимоя менамоянд ва барои амалӣ шудани ташаббусҳои шоистаи онҳо заминаи воқеӣ фароҳам меоранд. Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати мамлакат боз як барномаи нав доир ба дастгирии занон омода гардидааст, ки рӯзҳои наздик қабул мешавад.

Нақши занони бофарҳангу соҳибмаърифат дар ташвиқу тарғиби пойдории оила ва ҷомеаи солим, инчунин, иштироки онҳо дар таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ низ назаррас мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми хизмати давлатӣ аввали соли 2017 аз шумораи умумии беш аз 19 ҳазор нафар хизматчиёни давлатӣ қариб 4200 нафар ё 22 фоизро занон ташкил медиҳанд. Ҳоло 70 фоизи кормандони соҳаи маориф ва 60 фоизи кормандони соҳаи тандурустиро низ занон ташкил медиҳанд.Сол то сол афзоиш ёфтани шумораи занон дар мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар низ натиҷаи кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат доир ба баланд бардоштани мақоми занон мебошад.

Тибқи таҳлилҳо айни замон шумораи занон дар мақомоти судии кишвар 235 нафар, Прокуратураи генералӣ 46, Вазорати корҳои дохилӣ қариб 1500, Вазорати мудофиа 400, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 24, Агентии назорати маводи нашъаовар 36, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода 178 нафар, Хадамоти гумрук 107 ва Гвардияи миллӣ қариб 300 нафарро ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумот аз 235 нафар занони дар мақомоти судӣ фаъолиятдошта 122 нафарашон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар фаъолият доранд. Дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2755 нафар занон адои хизмат менамоянд, ки аксари онҳо мансабҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд. Дар маҷмӯъ, дар мақомоти судӣ 90 нафар ва дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 745 нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунанда фаъолият менамоянд.

Шумораи соҳибкорон аз ҳисоби занон беш аз 138 ҳазор нафар буда, сарварии 20 ҳазору 500 хоҷагии деҳқониро занон ба уҳда доранд.

Бо мақсади мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкории занон Қарори Ҳукумати мамлакат "Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020" қабул шудааст. Дар ин асос тайи се сол тавассути сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қариб ба 6000 нафар занон дар ҳаҷми 18 миллион сомонӣ ёрии молиявӣ пардохта шудааст.

Барои духтарону занони хонанишин дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои касбомӯзӣ ташкил шуда истодаанд. Ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои таълими калонсолон беш аз 21 ҳазор нафар ба омӯзиши ҳунарҳои дастӣ ва корҳои хонагӣ машғул буда, касби барояшон

# МОДАР- САРЧАШМАИ МЕҲРУ МУҲАББАТ ВА НЕРӮБАХШИ РӮҲУ ҶОН

мувофиқро аз худ карда истодаанд. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди занону духтарон ҳоло ҳам соҳиби касбу кор ва шуғли муайян набуда, ба захираҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва моддӣ кам дастрасӣ доранд.

Барои ислоҳи чунин вазъият моро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи



огоҳии кадбонуҳо ва модарону хоҳарон тадбирҳои иловагӣ андешем, дар маҳалҳо соҳибкории хонаводагӣ ва соҳибкоронеро, ки дар ин самт фаъолият доранд, дастгирӣ карда, ҷалби духтарону бонувонро ба омӯзиши касбу ҳунар, аз ҷумла ҳунарҳои дастӣ ва дигар навъҳои косибӣ ҳарчи бештар вусъат диҳем.

Ҳукумат дар сиёсати худ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда минбаъд низ эътибори ҷиддӣ дода, ташаббусҳои созандаи бонувону духтарони соҳибкору ҳунарманд, бомаърифату ватандӯст ва худогоҳу худшиносро, ки пояҳои давлатдории миллиамонро таҳким мебахшанд, дастгирӣ менамояд. Ҳамчунин, таъкид месозам, ки занону бонувони соҳиби касбу ҳунар ҳамеша рӯзгори ободу осуда доранд, ба қадри заҳмати мардон бештар мерасанд ва худашон низ ҳеҷ гоҳ хору муҳтоҷ намешаванд.

Барои маълумоти шумо боз як мисол меорам. Дар давоми бисту панҷ соли истиқлолият муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбиро қариб 360 ҳазор нафар духтарон хатм карда, ҳоло дар мактабҳои олӣ, коллеҷу литсейҳои касбӣ 115 ҳазор нафар ва дар муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ қариб 5 ҳазор нафар духтарон таҳсил мекунанд. Илова бар ин, аз соли 1997, яъне аз оғози ҷорӣ гардидани квотаҳои президентӣ беш аз ёздаҳуним ҳазор нафар духтарон бо истифода аз ин имконият ба мактабҳои олӣ дохил шудаанд, ки то имрӯз 8 ҳазору 900 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, дар соҳаҳои гуногун машғули фаъолият мебошанд ва қариб 2 ҳазору 700 нафари онҳо таҳсилро идома дода истодаанд.

**Бонувони азиз!**

Қабули Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи ҳолати кунунӣ ва дурнамои сиёсати давлат дар самти таҳкими мақоми оила мебошад. Асоси ин ҳуҷҷати муҳимро, ки оила дар он ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва макони тарбияи фарзанд эътироф мегардад, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, солимии занон ва танзими оила ташкил медиҳад. Бо ин мақсад, мо дар низоми таҳсилоти миёнаи умумии кишвар омӯзиши фанни «Маърифати оиладорӣ» - ро ба роҳ мондем, ки омӯзгорон дар доираи он ба хонандагон масъалаҳои ташаккулу таҳкими оиладорӣ, эҳтирому муносибати ҳамдигарӣ ва дар маҷмӯъ, фарҳанги хонаводагиро меомӯзанд.

Ҳамчунин, ба хотири амалӣ шудани консепсияи зикршуда дар Паёми Роҳбари давлат Вазорати маориф ва илм вазифадор гардид, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таълими Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ба роҳ монад ва маърифати ҳуқуқии насли ояндаро дар ҳифзи оиладорӣ, таълиму тарбияи фарзандон, риояи танзими анъанаҳои миллӣ ва ҷашну маъракаҳо аз айёми мактабхонӣ баланд бардорад.

Ба наврасону ҷавонон омӯзонидани муносибатҳои оилавӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии онҳо ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳое мебошанд, ки ба мустаҳкам шудани оила мусоидат менамоянд.

Барои бунёди оилаи солим, таъмини зиндагии ором ва осуда ба бартараф кардани мушкилиҳо ба навхонадорон зарур аст, ки мазмуну муҳтавои ин қонунҳоро ҷиддӣ аз худ намуда, маърифати оиладории худро ҳарчи бештар баланд бардоранд.

Аҳли ҷомеа бояд дар самти баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ва пешгирии вайроншавии оилаҳо чораҳои доимии тарбиявӣ андешанд.

Бовар дорам, ки бо кӯшишу талошҳои муштарак мо метавонем ба ҷавонон дар интихоби роҳи дурусти зиндагӣ кумак расонем ва риояи анъанаҳои миллии оиладориву солимии ҷомеаро таъмин намоем. Ҳамчунин, аз ҷониби фарзандон нигоҳубину ғамхорӣ намудан дар ҳаққи падару модар тавассути Конститутсия танзим гардида, дар ин асос дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" зикр шудааст, ки фарзанди болиғ ва қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин карда, онҳоро дар синни пиронсолӣ аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ намояд.

**Модарону бонувони азиз!**

Шумо дар раванди тарбияи фарзандон нақши ҳалкунанда доред ва набояд фаромӯш созед, ки тарбияи фарзанд дар навбати аввал вазифаи муқаддаси падару модар ва баъдан мактаб ва ҷомеа мебошад.

Ҳоло дар аксари манотиқи кишвар масъалаи ҷалби кӯдакон ба мактаб, алалхусус, духтарон ҳал гардида, фарогирии духтарон барои гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тамоюли афзоиш дорад. Шумораи ҷавондухтароне, ки дар зинаи таҳсилоти баъди олии касбӣ дониш мегиранд, хеле афзуда, сафи онҳо дар муассисаҳои омодагии баъдидипломӣ торафт зиёд шуда истодааст, ки ин, албатта, раванди мусбат ва ба талаботи замони муосир мувофиқ мебошад.

Тавассути квотаҳои президентӣ ҳоло насли сеюми мутахассисони соҳаҳои гуногун тарбия ёфтаанд, ки дар гӯшаву канори мухталифи Тоҷикистон ҳамчун насли ҷавони зиёиёни мамлакат муваффақона кору фаъолият карда истодаанд.

Бояд гуфт, ки баланд бардоштани сатҳи маълумоту маърифат дар миёни занону духтарон шарти муҳимтарини беҳтар гардидани дараҷаи зиндагӣ, коҳиши камбизоатӣ, ҳалли масъалаи шуғл ва рафъи бекорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, волидайн ҳар қадар ба тарбия ва сатҳи саводнокии фарзанд бештар таваҷҷуҳ намоянд, ҷомеа ҳамон андоза пеш меравад, нерӯи инсонӣ тақвият меёбад ва мушкилоти оилаву ҷомеа камтар мешавад.

Дар баробари ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзан миёни иддае аз занон зиёдаравӣ ба назар расида, дар маъракаву чорабиниҳои оилавӣ сарфаю сариштакорӣ риоя намешавад. Агар ин камбудиҳо бартараф гардида, пеши роҳи хароҷоти барзиёд ва зоҳирпарастӣ гирифта шавад, табиист, ки буҷети хонавода афзуда, вазъи зиндагии оилаҳо боз ҳам беҳтар хоҳад гашт.

Мо ин масъаларо қариб дар ҳар мулоқоту суҳбат таъкид менамоем, зеро медонем, ки соҳиби дастархону маъракаҳо ва сарфакори беҳтарини зиндагӣ, шумо, занону модарони гиромӣ ҳастед. Вобаста ба ин, мардуми мо панду андарзҳои зиёд доранд. Аз ҷумла гуфтаанд, ки "ба миқдори сари сӯзан сарфа кардани зан баракатро дар хонадон дучанд меафзояд".

Ин ишораҳо моро водор месозанд, ки маъракаҳоро камхарҷ гузаронем, зиёдаравӣ накунем, ба қадри нозу неъмати зиндагӣ расем ва талаботи қонунҳои миллиамон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро ба хотири рӯзгори ободу оилаи хушбахт ҳамеша риоя намоем.

**Модарону хоҳарони меҳрубон!**

Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд.

Баробари ин, дар сари гаҳвораи тифлаш шабзиндадорӣ карда, камолоти ӯро интизор мешавад ва тамоми ҳастиашро ба парвариши ҷигарбандаш сарф намуда, аз роҳи сидқ мададгораш мегардад. Ин рисолати бузурги инсонӣ мақому мартабаи модарро боз ҳам муқаддасу беназир гардонидааст.

Ба қадри шири поки модар нарасидан, заҳмати бедорхобиҳои ӯро фаромӯш кардан, ба падару модар ситам кардан ва дар пириву дармондагӣ ба қадри ранҷу азоби онҳо нарасидан бузургтарин гуноҳ аст. Мо фарзандон агар тамоми умр ба модари худ хизмат кунем, бо ранҷи шабзиндадорӣ ва заҳмати ӯ ба хотири тарбияву ба камол расонидани мо баробар шуда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳозирин ва кулли ҳамватанонро даъват менамоям, ки модарони худро дӯст доред, нисбат ба онҳо меҳрубону ғамхор бошед, иззатшонро ба ҷо оварда, ҳаргиз озорашон нарасонед ва нигоҳи пур аз меҳру шафқатро аз онҳо дареғ надоред. Қарзи фарзандии мо дар назди шахсияти муборaку биҳиштии модарон ҳамин аст.

Мо дар симои шумо, духтарону бонувони азиз, олиҳаи бахту саодат ва зебоиро мебинем. Шумо бо меҳру вафоятон шӯълаи ишқу умедро абадӣ гардонида, эҳсоси инсониро дурахши пурҷило бахшидаед. Аз ин рӯ, кӯшиш намоед, ки ин сарвати бебаҳои ҳаёти худро ҳифз карда, меҳру муҳаббатро дар қалби хеш беолоиш ва фурӯзон нигоҳ доред, оиларо асоси зиндагии худ қарор диҳед ва сабуру қаноатпеша бошед.

Аҳли ҷомеа ва фарзандони худро ҷиҳати ҳифзи истиқлолияту озодӣ, амнияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ раҳнамоӣ карда, барои бунёди давлати пешрафтаву соҳибтамаддун ва дунявию демократӣ талош варзед ва номбардори ин Ватан ва хоки муқаддаси ниёкони хеш бошед.



Итминони комил дорам, ки шумо ҳамчун офарандаи зиндагиву зебоӣ, бақои меҳру муҳаббат ва чароғи хонадон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон фаъолона ширкат варзида, ба хотири пешрафти давлатамон рисолати созандагии худро бо садоқату устувории модаронаи худ идома медиҳед.

Бо ҳамин умеду орзуҳои нек, шумо, модарону бонувони арҷмандро бори дигар ба муносибати ҷашни фархунда - Рӯзи модар табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо ва ба ҳамаи бонувону хоҳарони мамлакат тандурустиву саодатмандӣ ва дар ҳаёти оилавиатон меҳру муҳаббат, бахту иқболи нек ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

**Дуруд ва ҳамду сано ба модар – фариштаи ҳаёт ва ҳомии зиндагии башар дар рӯи замин!**

**Сано ба модар - ин олиҳаи меҳру шафқат, раҳнамову раҳбар ва азизи ҳар як хонадон!**

**Зиҳӣ занону бонувони шарафманд ва шӯълаи ишқи ҳаётбахш!**

**Ҷашн муборак бошад, модарону хоҳарони азиз!**

# БОНУВОНИ ФАЪОЛИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

**Дар соҳаи иттифоқҳои касаба кам нестанд, занону бонувоне, ки дар қатори мардон кору фаъолият доранд ва барои рушду пешрафти Тоҷикистони азиз талош меварзанд. Нашрияи «Ҳомии омзӯгор» тасмим гирифт, то занону бонувоне, ки дар Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳру ноҳияҳо вазифаҳои роҳбарикунандаро бар дӯш доранд, муаррифӣ созад. Зеро бонувони азизу модарони меҳрубон, монанди гулҳои зебову шукуфоне ҳастанд, ки бо таровату покизагии хоса, дастони ҳунарофар ва меҳру шафқати худ дар пешрафти соҳа нақши бориз доранд. Ба ин хотир, ба муносибати РӮЗИ МОДАР аз самими қалб табрик гуфта, ба ҳар кадоми Шумо саломатӣ, рӯзгори пурсаодат, хонадони ободу осуда ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоем. Бигзор, дилҳои Шумо ҳамеша монанди чашмаҳои кӯҳистон поку мусаффо ва мисли табиати ҳамешабаҳор зебову муҷалло бошанд!**



**Ҷӯраева Нигина Муқимовна.** 29 апрели соли 1977 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2001 факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи Қ.Ҷураевро бо ихтисоси омӯзгори таърих-ҳуқуқ хатм кардааст.

Дар вазифаҳои нозири калони шуъбаи робита бо кишварҳои ИДМ-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1999-2001), мутахассиси шуъбаи котиботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2001-2008), сармутахассиси шуъбаи котиботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2008-2010), сармутахассиси раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳои иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2010-2014), муовини сардори ОО «Лигаи занҳо» (солҳои 2014-2015), мутахассиси пешбари шуъбаи ташкилӣ, кор бо кадрҳо ва коргузории Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (солҳои 2015-2016) фаъолият намуда, аз моҳи марти соли 2016 дар вазифаи мутахассиси пешбари шуъбаи робита бо ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.



**Ҳалимаи Имонқул.** 18 апрели соли 1993 дар ноҳияи Ёвон таваллуд шудааст. Соли 2016 Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистонро бо ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит хатм кардааст. Донандаи забонҳои русӣ, форсӣ ва англисӣ мебошад.

Солҳои 2014-2016 дар ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити факултети иқтисодиёти Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон таҳсил намуда, алҳол докторанти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат мебошад. Ҳамчунин, баробари таҳсил дар магистратура ва докторантура солҳои 2014-2015 ба ҳайси китобдори Пажӯҳишгоҳи илмии тадқиқотӣ, иттилоот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Аз моҳи ноябри соли 2015 дар Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикитсон фаъолият дорад.



**Нозакова Зулхия Зағирдавлатовна.** 14 августи соли 1989 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст. Донандаи хуби забонҳои русӣ ва англисӣ мебошад.

Аз моҳи январи соли 2015 дар вазифаи сармутахасси шуъбаи робита бо ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.



**Шарифова Мадина Маҳмудовна.** 3 августи соли 1987 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таваллуд шудааст. Соли 2005 литсейи касбии информатика ва техникаи компютерии №47-и шаҳри Душанберо бо ихтисоси оператори ЭМБ хатм кардааст.

Дар вазифаҳои мутахассиси шуъбаи таъминоти масолеҳи ЧСК «Тоҷиккабел» (солҳои 2006-2009), коргузори шуъбаи таълими ДДСТ ба номи М.Трсунзода (солҳои 2011-2015) фаъолият карда, аз моҳи июли 2015 дар Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад





**Усмонова Очабону.** 14 майи соли 1946 таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёна ба Институти омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко дохил шуда, онро соли 1971 бо ихтисоси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Солҳои 1971-1990 дар мактаби № 39-и шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик, ҷонишини директор оид ба корҳои таълим ва директори мактаб фаъолият намудааст. Сипас, дар вазифаи сармутахассиси раёсати маорифи шаҳри Душанбе (солҳои 1990-1991), директори мактаби №6 шаҳри Душанбе (солҳои 1991-1993), муовини мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонӣ (солҳои 1993-1994), сармутахассиси раёсати кадрҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1994-1995) фаъолият намуда, аз соли 1995 инҷониб раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми шаҳри Душанбе мебошад.

Бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (соли 1988), медали «Собиқадори меҳнат» (соли 1991), унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (соли 1998), нишони фахрии нуқрагини Конфедератсияи иттифоқҳои касабаи байналхалқӣ «Барои хизмати шоён дар кори иттифоқи касаба» (соли 2007), ифтихорномаҳои Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст. Ду даъват вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе интихоб гардидааст.



**Каримова Матлуба Латифовна.** 9 июли соли 1964 таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёна ба Институти давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко дохил шуда, онро соли 1986 бо ихтисоси географ-биолог хатм намудааст.

Солҳои 1986- 2012 дар мактаби №34-и ноҳияи Исмоили сомонии шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгори фанни география ва директор фаъолият намуда, аз соли 2012 то имрӯз директори гимназияи № 9 ба номи Низомии ноҳияи Исмоили Сомонӣ мебошад. Ҳамзамон, ба тариқи интихобӣ аз 4 апрели соли 2011 вазифаи раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанберо ба уҳда дорад.

Бо нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон, ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати маорифи шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шудааст. Ду даъват вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе интихоб гардидааст.



**Ғаффорова Зуҳро Абдураҳмоновна.** 11 январи соли 1961 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Соли 1983 Донишгоҳи давлатии педагогии ба номи Т.Г.Шевченкоро хатм намудааст.

Дар вазифаҳои муовини директори хонаи пешоҳангони ноҳияи Файзобод (солҳои 1983-1991), омӯзгори фанни забон ва адабиёти руси мактаби №1 (солҳои 1991-2000), раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Файзобод (солҳои 2008-2010) кор карда, аз соли 2014 дар вазифаи раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Файзобод фаъолият дорад.



**Тавурова Шаҳодат Сабуровна.** 15 декабри соли 1958 дар ноҳияи Рашт таваллуд шудааст. Соли 1978 Институти давлатии педагогии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Дар вазифаҳои муаллимаи мактаби №1-и ноҳияи Ғарм (солҳои 1976-1996), мутахассиси маркази дастгирии занон дар ноҳияи Ғарм (солҳои 1996-2000), мутахассиси кор бо занони хазинаи Оғохон дар минтақаи Рашт (солҳои 2000-2005), координатори маркази захиравии занон дар ноҳияи Рашт (солҳои 2005-2006), раиси кмитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати ноҳияи Рашт (солҳои 2006-2007), сармутахассиси бахши танзими анъана ва ҷашн маросимҳои дастгоҳи раиси ноҳияи Рашт (солҳои 2007-2009), мудири бахши кумитаи кор бо занон ва оилаи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт (солҳои 2009-2014) кор карда, аз соли 2014 инҷониб ба ҳайси раиси кумитаи иттифоқи касаби маорифи ноҳияи Рашт фаъолият дорад.





**Бобоева Хосият Боировна.** 29 декабри соли 1962 дар ноҳияи Б.Ғафуров таваллуд шудааст. Соли 1985 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуровро хатм намудааст.

Дар вазифаҳои омӯзгори фанни забон ва адабиёти руси мактаби №40-и ноҳияи Б.Ғафуров (солҳои 1985-1993), омӯзгори фанни забон ва адабиёти руси боғча-яслии «Баҳор» (солҳои 1993-1996), омӯзгори фанни забон ва адабиёти рус, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбияи мактаби №5-и шаҳри Бӯстон (1996-2008), раиси иттифоқи касабаи коркунони литсеи №1-и шаҳри Бӯстон (2008-2009), мушовири МТИ дар шуъбаи маориф (солҳои 2009-2010), мутахассиси шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон (солҳои 2010-2013), ҷонишин ва директори маркази таҳсилоти иловагӣ (соли 2013) фаъолият карда, аз моҳи марти соли 2016 дар вазифаи раиси шӯрои иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Бӯстон кор мекунад.



**Тоҳирова Махсуда Ҳошимовна.** 3 сентябри соли 1959 дар ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Соли 1981 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Дар вазифаҳои омӯзгор ва ҷонишини директори мактаби №2-и ноҳияи Ашт (солҳои 1981-2005), сармутахассиси шуъбаи маорифи ноҳияи Ашт кор карда, аз моҳи апрели соли 2014 дар вазифаи раиси кумитаи иттифоқи маорифи ноҳияи Ашт фаъолият дорад.



**Халилова Нодира Латифовна.** 15 сентябри соли 1977 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 1994 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2000-ум Донишгоҳи давлатии Хуҷандро хатм намудааст.

Алъон дар вазифаи раиси кумитаи иттифоқи касабаи маориф шаҳри Гулистон фаъолият дорад.



**Тошканова Зоҳида Сотиболдиевна.** 3 апрели соли 1975 дар шаҳри Истиқлол таваллуд шудааст. Соли 2006 омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳро хатм кардааст. Ҳоло дар ДДҲБСТ дар факултети ҳуқуқшиносӣ таҳсил дорад.

Солҳои 1993-2007 дар вазифаи омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №1 кор карда, аз соли 2007 инҷониб раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Истиқлол мебошад.



**Ҳасанова Зайнурахон Абдулаҳатовна.** 3 июли соли 1972 дар шаҳри Исфара таваллуд шуда, хатмкардаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Боткани Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

Солҳои 1991-2002 ҳамчун ҳамшираи шавқати беморхонаи марказии шаҳри Исфара, солҳои 2000-2002 ҳамчун муҳаррири барномаи «Шифо»-и ТВ Исфара, солҳои 2002-2008 ҳамчун омӯзгори мактаби №30, солҳои 2008-2015 ҳамчун мутахассис ва мудири бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳр ва аз соли 2015 инҷониб ҳамчун директори литсейи №7 фаъолият дорад. Алъон вазифаи раисии кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Исфараро низ ба зимма дорад.



**Ашурова Норбиби Эсанбоевна.** 1 январи соли 1967 дар шаҳри Конибодом таваллуд шудааст. Соли 1988 Университети давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм кардааст.

Солҳои 1988-1989 дар вазифаи иқтисодчии иттиҳодияи истеҳсолии «Швейместпром-2»-и шаҳри Конибодом, солҳои 1989-2000 дар вазифаи ҳисобчии ширкати «Муҳайё», солҳои 2000-2010 дар вазифаҳои омӯзгор ва ҷонишини директори мактаби №49, солҳои 2010-2011 дар вазифаи сармуҳосиби мактаби мазкур, солҳои 2011-2014 дар вазифаи мутахассис ва мтахассиси пешбари раёсати агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳри Конибодом фаъолият кардааст. Аз апрели соли 2014 дар вазифаи сармутахассиси пешбари раёсати агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳри Конибодом кор карда, раисии кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳрро низ ба ӯҳда дорад.



**Маҳбуба Ҳабибӣ.** 28 ноябри соли 1961 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шудааст. Соли 1982 Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷандро хатм кардааст.

Солҳои 1982-1998 дар вазифаи омӯзгори омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент, солҳои 1998-2000 дар вазифаи омӯзгори мактаби №1, солҳои 2000-2001 дар вазифаи омӯзгори литсей-интернати Президентӣ, солҳои 2001-2005 дар вазифаи омӯзгори мактаби №1, солҳои 2005-2010 дар вазифаи директори мактаби №30 ва аз январи соли 2010 дар вазифаи муовини раиси шаҳри Панҷакент фаъолият кардааст. Алъон раисии кумитаи иттифоқи касабаи маорифи шаҳрро ба ӯҳда дорад.



**Тӯраева Мавлонбӣ Пирумшоевна.** 1 марти соли 1960 дар ноҳияи Фархор таваллуд шуда, соли 1990 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлобро бо ихтисоси муаллимаи педагогика ва психологияи томактабӣ ва методисти тарбияи томактабӣ хатм намудааст.

Дар вазифаҳои мураббияи кӯдакистони №3 (солҳои 1984-1985), мураббияи кӯдакистони №2 (солҳои 1985-1987), мудири кӯдакистони №2-и ноҳияи Фархор (солҳои 1987-1997), муаллимаи мактаби №10-и ноҳия (1997), директори филиали коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дар ноҳияи Фархор (солҳои 1997-2000) фаъолият намуда, аз соли 2000-ум инҷониб раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Фархор мебошад.



**Ғуломидинова Гулрез Давлатназаровна.** 1 сентябри соли 1971 дар ноҳияи Роштқалъа таваллуд шудааст. Соли 1988 ба Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 1992 бо ихтисоси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз мактаби миёна оғоз намуда, дар вазифаҳои муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби № 74 ноҳияи Роштқалъа (солҳои 1992-1994), муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби №12 шаҳри Хоруғ (солҳои 1994-1997), мудири шуъбаи ташкилии маркази корҳои тарбиявии ВМКБ (1997-2004) кор намудааст. Аз 2004 дар вазифаи мудири шуъбаи ташкилии Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ВМКБ фаъолият дорад.



**Хоҷаева Умеда Гуловна.** 14 октябри соли 1978 дар ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Алъон дар шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав таҳсил дорад.

Дар вазифаҳои муаллимаи гимназияи давлатии ба номи Одинаев Санги ноҳияи Балҷувон (солҳои 2005-2012), мудири шуъбаи кадрҳои шуъбаи маорифи ноҳия (солҳои 2012-2013) фаъолият намуда, аз соли 2013 ба ҳайси раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Балҷувон кор карда истодааст.



**Давлатова Зуҳро Чоршанбиевна.** 13 июни соли 1963 дар шаҳри Хоруғ таваллуд шудааст. Соли 1980 ба Донишгоҳи педагогии шаҳри Душанбе дохил шуда, соли 1985 онро бо ихтисоси муаллимаи забон ва адабиёти рус хатм намудааст.

Фаъолияти кории ӯ соли 1985 аз шаҳри Ваҳдат оғоз ёфта, солҳои 1985-1992 ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти руси мактаби №2-и шаҳри Ваҳдат кор кардааст. Сипас, солҳои 1992-2002 ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти руси мактаби № 2-и шаҳри Хоруғ фаъолият намуда, аз соли 2002 инҷониб дар вазифаи раиси иттифоқи касабаи маорифи шаҳри Хоруғ кор карда истодааст.



*Дару девори ҷаҳон худ дару девори зан аст,*
*Кори дунё ҳама дар пайравии кори зан аст.*

*Нест чуз бори хас он бор, ки мардон бикашанд,*
*Ғами дунёи наву кухна ҳама бори зан аст.*

*Эй ки дидори ҷаҳон дидаву бархурдорӣ,*
*Дон, ки дидори ҷаҳон лаззати дидори зан аст.*

*Рӯз аз хандаи ӯ равшанӣ гирад то шом,*
*Моҳи шаб шуълае аз дидаи бедори зан аст.*

*Осмонро набувад он ҳама рафъат, ки варост,*
*Гули гулзори замин як гули рухсори зан аст.*

*Бипазад з-оташи ишқаш на ҳама ошиқи хом,*
*На ҳама марди харидор сазовори зан аст.*

*Гар равад зери замин ё ба фалак хайма занад,*
*Ҳар куҷо марди бузургест, гирифтори зан аст.*

*Лоиқ Шерали*

# РӮЗИ МОДАР ҶАШНИ ТАЪРИХИСТ

**Ниёгони мо ҳар кӣ буданд, пеш,**
**Нигаҳ доштандӣ ҳам оину кеш.**
**(Фирдавсӣ)**

Мусаллам аст, ки ҳар як халқу миллату қавм ба худ хос расму русум, ойину маросим ва ҷашнҳо дорад ва мо метавонем онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намоем, аз қабили расму маросим ва ё ҷашнҳои оилавӣ, диннӣ, касбӣ, давлатӣ, миллӣ, байналмилалӣ ва чанд бахши дигар (мазҳабӣ, тахассусӣ, шахсӣ, сиёсӣ, адабӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра).

Таърих гувоҳ аст, ки ниёгони мо дорои ҷашнҳои гуногун буда, ҳар як онро вобаста ба фалсафа ва мухтавояшон бо шукӯҳу шаҳомати хос ва мувофиқ бо урфу одат ва анъаноти аҷдодӣ таҷлил менамуданд.

Яке аз ин ҷашн, ки ориёиҳо дар замонҳои қадим дар оғози аввали баҳор барпо менамуданд, бахшида ба занону модарон буд. Яъне, ин ҷашн дар рӯзи панҷуми моҳи исфанд (номи охирин моҳи солшумории эрониёни қадим (солшумории шамсӣ) ва номи панҷумин рӯзи ҳар моҳ) мутобиқ ба 24-уми феврали тақвими мелодӣ барпо мешуд ва номи он Испандорҷашн ё Исфандгон (ё худ Спандармагон, Исфандормазгон) буд.

Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Осор – ул - боқия» - аш перомуни ин ҷашн чунин менависад: «Исфандормузмоҳ, ки рӯзи панҷуми он Исфандормуз аст ва барои иттифоқ афтодани ду ном онро чунин номидаанд ва маънии он ақлу илм аст ва Исфандормуз фариштаи посбони замин аст ва ҳомии занони дуруст ва порсо ва шавҳардӯст мебошад. Дар замони гузашта ин моҳ, ба вижа ин рӯз иди занон буд ва мардон ба занон ҳадя медоданд ва ҳанӯз ин расм дар Исфаҳон, Рай ва Паҳла боқӣ монда ва ба форсӣ муздгирон низ мегӯянд». Ба ҳар сурат далели аҷиб аст, ки дар рӯзи Исфандормуз мардҳо ба нишони муҳаббату эҳтиром ба бонувон туҳфаҳо медоданд.

Номи ҷашни мазкур дар китоби «Авесто» ба сурати Спента Ормаитӣ, ки маънои фурӯтанӣ ва фидокорро дорад, омадааст. Исфанд ё Исфандормуз (Ормаитӣ) номи яке аз фариштагони бузург буда, ӯ дар оламӣ маънавӣ мазҳари ишқу муҳаббат, фурӯтаниву тавозӯъ, сулҳу созиш, ҷонбозиву фидокорӣ, бурдборӣ ва дар ҷаҳони моддӣ посбон ва ҳомии занони неку порсо мебошад. Ин фаришта мувазаф аст заминро хуррам обод ва поку борвар нигоҳ дорад. Чун Ормаитӣ ба сурати фариштаи хоси занони пок ва порсо қаламдод гардидааст, ба эҳтироми он ва барои пайравӣ аз ин мазҳари пок дар рӯзи испандорҷашн тамоми модарон ва занони порсоро, ки бо пайравӣ аз Ормаитии модар ва ҳамсари намуна ва шоиста буданд, гиромӣ медоштанд ва заҳматҳои онҳоро қадр мекарданд ва ба ин муносибат ҷашну шодмонӣ барпо мекарданд.

Дар китоби «Авесто» инчунин, занони пок ва порсо, ки аз фаришта Ормаитӣ пайравӣ мекарданд, ситоиш шудааст. Чунончи: «Занони дорандаи фарзандони бисёр ва хонадони хуб ва нерӯманд ва хушандом ва баландболоро меситоем. Ин заминро бо заноне, ки бар рӯи он зиндагӣ мекунанд, меситоем. Эй Аҳурамаздо, мо ситоем занонеро, ки дар асари дурусткорӣ ва ростӣ нерӯманд шудаанд… Мо меситоем … занони некандешро, ки дар ҳар кишвар бо вичдони нек бар зиддӣ бадӣ қиём намудаанд ё менамоянд… Эй Аҳурамаздо, мо меситоем занони ёрирасон ба бомуҳаббатро».

Исфандормаз ё Спандормаз яке аз эзадбонуҳои шашгонаи пантеони дини зардуштӣ аст, ки мададрасони файзбахши корҳои кишоварзон низ унвон шудааст. Ҳамзамон, ин ҷашнро ба муносибати ин ки наздики Наврӯз ва фасли баҳор аст ва мавқеи кишту кори кишоварзон мебошад, ҷашни барзгарон низ мегӯянд. Аз ҷумла, Масъуди Саъди Салмон чунин навиштааст:

**Сипандормуз рӯз хез эй нигор,**
**Сипанд ор морову май ор.**

Имрӯз ҳам ин ҷашн аз ҷониби зардуштиёни ҷаҳон ба эҳтироми фариштаи покию ишқу муҳаббат ва арҷ гузоштан ба зан – модар бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мегардад.

Аз маълумоти болоӣ маълумамон гашт, ки ҷашни имрӯзаи Рӯзи модар - 8 март аз қадимулайём ба қавмҳои ориёӣ ихтисос дошта, баъдан дар шаклу мазмуни дигар боэтоб ёфта, дар шакли расмӣ таҷлили он аз ибтидои асри XX бо номҳои дигар идома ёфтааст.

Аммо агар ба таърихи таҷлили ин ҷашн дар Амрикову Аврупо нигарем, мебинем, ки он дар аввал рӯзи мубориза бар зидди беҳуқуқии занон ё худ ҷашни занони инқилобгар таҷлил мешуд. Зеро ду маротиба - 8 марти солҳои 1857 ва 1908 занҳои нью-йоркӣ (коргарзанони фабрикаҳои пойафзол ва дӯзандагӣ) даъвои баробарҳуқуқӣ намуда, гирдиҳамоӣ ташкил кардаанд. Онҳо даъвои кӯтоҳ кардани рӯзи корӣ, беҳтар намудани шароити меҳнат ва маоши ба мардон баробарро доштанд. Он вақтҳо занон то 16 соат дар як шабонарӯз меҳнат мекарданд, вале барои корҳояшон музди ночизе мегирифтанд. Мардон баъди намоишҳои эътирозӣ рӯзи кори худро то 10 соат кам карда буданд.

Баъдан, соли 1909 ҳизби сотсиалистии Амрико рӯзи байналмилалии занҳоро эълон намуд, ки он то соли 1913 ҳафтаи охири моҳи феврал, яъне 28 феврал ҷашн гирифта мешуд.

Сипас, соли 27 августи 1910 дар Копенгаген дуюмин конфронси байналхалқии занони сотсиалистӣ доир гардид, ки дар он яке аз сарони ҳаракати коргарии Олмон ва байналмилалӣ хонум Клара Сеткин (05.07.1857 – 20.06.1933) ширкат ва сухалронӣ намуд. Клара Сеткин дар конфронси мазкур пешниҳод намуд, ки Рӯзи байналмилалии занони ҷаҳон муайян карда шавад. Аз ин хотир, бархе аз муҳаққиқон низ таърихи ҷашнгирии Иди занонро бо номи Клара Сеткин алоқаманд медонанд ва низ иддао доранд, ки ӯ гурӯҳи инқилобии худро, ки аз занон иборат буд, барои мубориза бар зидди истисморгарон ташкил додааст. Аъзои гурӯҳ қароре қабул намуда буд, ки рӯзеро чун зодрӯзи «пролетариати занон» ҷашн гиранд.

Баъдан, 19 марти соли 1911 аввалин Рӯзи байналмилалии занҳо дар Олмон, Австрия, Дания ва Швейтсария таҷлил шуд. Соли 1912 ҳамин кишварҳои номбаршуда ҷашнро 12 май таҷлил намуданд. 2 марти соли 1913 дар Россия ва Франсия, 9 март дар Австрия, Чехия, Венгрия, Швейтсария, Голландия, 12 март дар Олмон таҷлил намуданд. Соли 1914 аввалин маротиба шаш кишвар-Австрия, Дания, Германия, Нидерландия, Россия ва Швейтсария 8 мартро ҳамчун Рӯзи байналхалқии занҳо таҷлил намуданд ва ин рӯз дар рӯзи якшанбе рост омада буд.

Сипас, соли 1917 пурра ва ё қисман занҳои Зеландияи Нав, Австралия, Финландия, Норвегия, Дания ва Исландия ҳуқуқи овоздиҳиро пайдо намуданд. Дар Россия бошад, аввалин маротиба занҳои рус Рӯзи байналмилалии занҳоро дар рӯзи якшанбе, яъне 23 феврали соли 1913 таҷлил намуданд, ки ин тибқи баъзе сарчашмаҳо то солҳои 20-ум идома ёфт. Ҳарчанд занҳои рус соли 1913 аввалин маротиба идро таҷлил карда бошанд ҳам, Ҳукумати Россия расман таҷлили ҷашнро аз соли 1917, яъне баъди сарнагунии монархияи русӣ ва таъсиси дуҳокимиятӣ, ки дар пайи Инқилоби февралӣ ба вуқӯъ пайваста буд, эътироф намудааст. Сипас, соли 1921 бо қарори 2-юмин Конфронси занҳои коммунист қабул шуд, ки 8 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии занҳо таҷлил карда шавад ва минбаъд бад – ин минвол давом ёфт. Кишварҳои дигар, аз ҷумла коммунистҳои Хитой аз соли 1922 ва коммунистҳои Испания аз соли 1936 ҷашни мазкурро таҷлил менамуданд. Инчунин, баъд аз таъсисёбии Ҷумҳурии халқии Хитой 1 октябри соли 1949 расман 8 март ҳамчун Рӯзи занҳо эълон шуд, ки дар ин рӯз занҳо рӯзи нопурраи корӣ доранд.



Тибқи Указри Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз таърихи 8-уми майи соли 1965 рӯзи 8-уми март «ба шарафи хидматҳои бузурги занони шӯравӣ дар сохтмони коммунистӣ, ҳимояи Ватан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, қаҳрамонӣ ва ҷасорати онҳо дар фронт ва ақибгоҳ, инчунин хидматҳои бузурги занон дар кори мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳо ва мубориза баҳри сулҳ» рӯзи истироҳатӣ эълон гардида, дар ин рӯз дар чорабиниҳои пурдабдаба давлат оид ба сиёсаташ нисбат ба занон ҳисобот медод.

Соли 1975 СММ дар робита ба Соли байналхалқии зан дар оғози моҳи март Рӯзи байналхалқии занро таҷлил намуд ва Ассамблеяи Генералии СММ бо интишори як эъломия эълон дошт, ки ҳар кишвар вобаста ба урфу одат ва анъанаҳои миллии худ дар рӯзи мувофиқ ин сол Рӯзи мубориза бо ҳуқуқҳои занро таҷлил намояд. Ҳамчунин, дар ин росто Даҳсолаи байналхалқии занон (1976-1985) эълон карда шуд.

Имрӯзҳо бошад, Рӯзи байналмилалии занҳо ҳамчун ҷашни миллӣ ва истироҳатӣ дар Ангола, Гвинея-Бисау, Замбия, Камбоджа, Кения, Мадагаскар, Монголия, Уганда ва Эритория таҷлил мешавад. Дар Лаос бошад, танҳо барои занҳо рӯзи истироҳатӣ эълон шуда, тавре гуфтем, дар Хитой барои занҳо рӯзи кори нопурра муайян шудааст.

Дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ, аз қабили, Россия, Озорбойҷон, Қазоқистон, Молдавия, Туркманистон ва Украина 8 март чун Рӯзи байналмилалии занон, дар Белоруссия ва Ӯзбекистон чун Рӯзи модар ва дар Арманистон (7 апрел) чун Рӯзи модар ва зебоӣ ин ҷашн таҷлил мегардид.

Ногуфта намонад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва пешниҳоди бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ аз соли 2009 – 8 март ҳамчун Рӯзи модар таҷлил карда мешавад ва ин басо рамзист, зеро ҳаёт аз модар сарчашма мегирад. Ба таъбири дигар зан-модар олиҳаи зебоӣ, манбаи меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат буда, ҷаҳонро бо озодагиву нафосат ва назокату малоҳати худ рӯҳи тоза мебахшад:

**Зиндагӣ гарм асту равшан бо**
**дуои модарон,**
**Офтобо, саҷда кун дар пеши**
**пои модарон.**

Тамоми таърихи инсоният маҳсули офаридгории зан-модар аст. Бузургтарин шахсиятҳои таърихӣ, арбобони давлату сиёсат, илму фарҳанг, адабиёту ҳунар тарбиятдидаву тарбиятгирифтаи зан-модар будаанд. Чуноне, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор, мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яки мову шумо мебошад».

Имрӯз модари тоҷик бо сари баланд ифтихор дорад, ки ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Эмомалӣ Раҳмон ва садҳо дигар фарзандони фарзона, нобиғагони бузург ва номбардорони миллатро ба дунё овардааст:

**Туӣ пирам, туӣ тадбири пирам,**
**Дуоям кун дуоятро бигирам.**
**Намемирӣ ту, эй модар агар ман,**
**Барои модари миллат бимирам.**

Маҳз ҳамин аст, ки ашъори зиёди гузаштагони номдори мо ба зебоиву назокат, ҳусну малоҳати занону духтарони тоҷик бахшида шуда, дар давоми садсолаҳо вирди забон гардидаанд:

**Ҷаҳонсозу ҷаҳонорой, эй зан!**
**Сутуни гунбади миной, эй зан!**
**На танҳо қалъаи дилҳой, эй зан,**
**Ки ҳатто қалъаи дунёй, эй зан!**

Бояд зикр кард, ки дар тамоми давраҳои таърихии миллатамон қадру қиммати зани тоҷик ҳамеша баланд буд ва нақши он дар инкишофи тамаддуни фарҳанги миллӣ басо бузург аст. Дар ин маврид овардани суханони пурмуҳтавои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон айни мудаост, ки гуфтааст: «Таърих номи олиҳаи зебоӣ ва ҷасорат Гурдофариди сафшикан, номи занони муборизу ватанпарвар Томирису Рухшонаю Маликаи Бухорхудот ва садҳо дигар модарону хоҳарони моро ёд дорад, ки барои истиқлолу озодии мардум ва сарзамини худ бо аҷнабиён талош кардаанд».

Оре, сарчашмаи тамоми музаффариятҳои мо модарон низ будаанд. Беҳуда нагуфтаанд: «Вақте ки мо писарро тарбия мекунем, мо як мардро ба воя мерасонем, аммо вақте ки духтарро ба камол мерасонем, миллат ба камол мерасад».

Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат имрӯзҳо як қатор тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла, қабул гардидани барномаи давлатӣ оид ба ҷобаҷогузории кадрҳо аз ҳисоби занон, бунёди хобгоҳҳо барои донишҷӯдухтарони лаёқатманди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ҷудо намудани грантҳои президентӣ барои сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва даҳҳо масоили дигари занони замони мо амалӣ шуда истодааст.

Бузургии Зан-Модар дар мақому манзалат ва хислатҳои ӯ таҷассум меёбад. Агар чунин намебуд, дар китоби муқаддаси Қуръони маҷид яке аз сураҳои калонтарин, яъне, Нисо, ки саросар дар бораи зан ва ҳуқуқҳои ӯст, оят нозил намешуд. Бузургворе низ фармудаанд:

**Ҳар дуои модарони дилкабоб.**
**Дар ҳаққи фарзанд гардад мустаҷоб.**
**Дар ҳадиси Мустафо дидам навишт,**
**Дар қудуми модарон бошад биҳишт.**

Ахиран, дар ин рӯзҳои зебо ва идонаи баҳорӣ Шумо-занону духтарони меҳрубон ва дар симои Шумо кулли бонувон ва модарони Тоҷикистони азизро ба Рӯзи модар - 8 - март табрику таҳният гуфта, хоҳони онам, ки табассуми дурахшони Шумо ҳамчун офтоби баҳорӣ умед ва эътимоднокиро талқин намуда, зебогии ҳайратангез, неруи беинтиҳо ва меҳрубонии самимонаи Шумо ҳамеша атрофиёнро дилгарм созад. Бигузор доимо чунин зебою дилкаш, дилбару дилнавоз, дилрабою дилором ва меҳрубону нотакрор бошед. Ба Шумо дар ин рӯзи баҳорӣ рӯҳи болида, хушнудӣ, шодмонӣ ва муҳаббату хушбахтӣ хоҳонам. Бахт ёр ва Худо мададгоратон бод!

**Аз сарвату зи шуҳрат, гар бар**
**фалак занам сар,**
**Таъзим мекунам боз дар пеши**
**пои модар.**

**Саъдии ҚОСИМӢ**

# МАТБУОТИ СОҲАВӢ:
# ТАЪРИХ, ПЕШРАФТ, МУШКИЛОТ ВА ПЕШНИҲОД

**Воситаҳои ахбори омма ҳамчун қувваи пешбаранда дар ҷомеа мавқеи муҳиму устувор доранд. Матбуоти тоҷик аз оғози фаъолияташ то ба имрӯз рисолати хешро муваффақона идома мебахшад. Матбуоти соҳавӣ бошад, дар пешбурди соҳаи муайян нақши мондагор дорад. Дар даврони истиқлолият матбуоти соҳавӣ густариш ёфт ва аксари соҳаҳо дорои нашрияи хеш гардиданд. Вобаста ба матбуоти соҳавӣ дар робита ба Рӯзи матбуоти тоҷик суҳбате доштем бо доктори илмҳои филологӣ, профессор Мурод Муродов, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагон мегардонем.**

**- Устоди муҳтарам, чун шумо аз муҳаққиқони варзидаи матбуоти даврӣ маҳсуб меёбед, мехостем суҳбатро аз ташаккули матбуоти соҳавӣ шурӯъ намоем.**

- Матбуоти соҳавӣ дар кишвари мо таърихи наздик ба 80-сола дорад. Дар саргаҳи ин бахши матбуот нашрияҳои соҳаи маориф қарор доранд. Дар ин росто, агар гӯем, ки оғози матбуоти тоҷик бо ҷараёни маорифпарварӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, иштибоҳ нахоҳем кард, зеро мундариҷаи нахустрӯзномаи тоҷикии "Бухорои шариф" ва нашрияи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – "Самарқанд" ва "Оина"-ро аслан масъалаҳои мактабу маориф ташкил медиҳанд. Ин усул дар нашрияҳои баъдӣ, чун "Шуълаи инқилоб" ва "Овози тоҷик" низ идома ёфтааст. Аввалин нашрияи ҳукуматии мо - "Ҷумҳурият" ("Тоҷикистони советӣ") низ бо иқдом ва кӯшиши аҳли маориф рӯи чоп омадааст. Ба ин мазмун, метавон гуфт, ки ин нашрияҳо дар пайдоиши матбуоти соҳавӣ, хоса соҳаи маориф ҳамчун замина хидмат кардаанд. Шояд ин омил боис гардида бошад, ки аввалин нашрияи соҳавӣ ба маориф тааллуқ дорад. Ин нашрия маҷаллаи "Дониш ва омӯзгор" аст, ки имрӯз бо номи "Маърифати омӯзгор" чоп мешавад.

Нигоҳе ба сайри таърихии матбуоти соҳавӣ нишон медиҳад, ки пайдоиши чунин нашрияҳо ба мубрамият ва рушди ин ё он соҳа дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ алоқамандӣ доштааст. Чун маориф аз соҳаҳои асосӣ маҳсуб меёбад, аввалан ба ин соҳа эътибор додаанд, ки нақши нашрияҳо дар пешрафти ин соҳа кам набудааст. Баъдтар бо инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ нашрияҳои дигари соҳавӣ, амсоли рӯзномаҳои «Маориф ва маданият» (нашрияи Вазорати маориф ва Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон, 1932 то соли 1938 «Барои маорифи коммунистӣ», аз 7 ноябри соли 1938 «Газетаи муаллимон», аз соли 1959 «Маориф ва маданият», аз соли 1981 боз «Газетаи муаллимон» ва аз соли 1989 «Омӯзгор»), «Маданияти Тоҷикистон» (нашрияи Вазорати маданият ва Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 1981), «Сухан» (нашрияи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, 1991), «Наврӯзи Ватан» (ҳафтаномаи Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1991), «Сомон» (нашрияи Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ, 1991), «Варзиш» (рӯзномаи Кумитаи спорти Тоҷикистон, 1990) «Баҳори Аҷам» (нашрияи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998), «Андоз» (нашрияи Кумитаи андози ҶТ), маҷаллаҳои «Инқилоби маданӣ» (нашрияи ҳармоҳаи сиёсиву иҷтимоӣ, педагогиву методии Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон, 1931, аз соли 1937 «Револютсияи маданӣ», аз соли 1939 «Мактаби советӣ», аз соли 1992 «Маърифат» ва аз соли 2006 «Маърифати омӯзгор»), «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1932, аз соли 1938 «Шарқи сурх», имрӯз «Садои Шарқ»), «Тоҷикистон» (нашрияи мусаввари ҳармоҳаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва адабию бадеии КМ ПК Тоҷикистон, 1956 то охири соли 1962) «Журналист» (органи бюрои ташкилии Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, 1958), «Фарҳанг» (маҷаллаи Бунёди фарҳанги Тоҷикистон, 1991) ва ғайра рӯи чоп омада, низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистонро сертаркиб ва рангоранг гардониданд.




**- Аз нигоҳи шумо, оё дар саҳифаҳои нашрияҳои соҳавӣ мушкилоти масоили марбут ба соҳаи муайян ҳамаҷониба инъикос меёбанд? Ин нашрияҳо дар ҳаллу фасли масъалаҳои ба ибораи "худӣ" нақш доранд?**

- Албатта, рисолати ҳар як нашрияи соҳавӣ, пеш аз ҳама, чун оина инъикос намудани ҳаёти соҳаи муайян аст. Агар нашрияҳои соҳавӣ ба ин талабот мувофиқ нашаванд, пас будан ва ё набудани онҳо барои соҳаи муайян фарқе надорад. Аз ин назар, бо дилпурӣ метавон гуфт, ки нашрияҳои соҳавии мо дар инъикоси масъалаҳои «худӣ» таваҷҷуҳи хоса доранд. Мундариҷаи онҳоро асосан маводи марбут ба соҳа ташкил медиҳанд. Дастандаркорони нашрияҳо кӯшиш менамоянд, ки фаъолияти соҳаро дар заминаи дастуроти Роҳбари давлат ва ҳамчунин, сарварони муассисаҳо инъикос намоянд. Дар ин замина мушкилот дар фарогирии масъалаҳои мубрами соҳа нест, балки дар маърифати дуруст ва усули касбии баррасии онҳо мебошад. Гоҳо ба назар чунин мерасад, ки баъзе муаллифон дар ифшои мушкилот ва баррасии он назари маҳдуд доранд, ё ҷуръат намекунанд ва ё иқтидорашон намерасад. Нашрияҳои соҳавӣ вазифадоранд, ки на танҳо дар ташаккули афкори иҷтимоии муштариёни худ, балки дар инкишофи маърифати касбии онҳо низ таъсири мусбат гузоранд. Хусусан, дар шароити имрӯз, ки бо шарофати рушди технологияи нави замонавӣ табиати кори соҳаҳо дар марҳалаи тағйирпазирӣ қарор дорад, рисолати ин нашрияҳо боз ҳам бештар, балки касбитар мегардад. Ин рисолат вақте самар медиҳад, ки муҳаррирон ва рӯзноманигорони чунин нашрияҳо, пеш аз ҳама, донандагони хуби соҳа ва касби худ бошанд. Бо вуҷуди ин, нашрияҳои соҳавии мо дар инъикоси мушкилоти «худӣ» нақш доранд, аммо ин нақш яксон ва дар як сатҳ нест.

**- Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ нашрияҳои соҳавӣ дар низоми матбуоти даврӣ чӣ мавқеъ касб кардаанд?**

- Тавре ишора намудем, пайдоиш ва инкишофи нашрияҳои соҳавӣ ба пешрафти ин ё он соҳа ва нуфузу мавқеи он дар ҷомеа марбут аст. Агар соҳа доманаи васеъ ва мубрамияти замонавӣ дошта бошад, хоҳу нохоҳ таваҷҷуҳ ба он зиёдтар мегардад. Масалан, то замони истиқлол ба таъсиси нашрияҳо дар соҳаи андоз, муҳити зист, варзиш ва ғайра зарурат надошт, зеро ба ин соҳаҳо таваҷҷуҳ камтар буд. Дар ҳаёти иҷтимоии имрӯз ин соҳаҳо муҳимият ва аҳамияти бештар касб намудаанд ва зарурати баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, экологӣ ва солимии ҷисму ҷон ба миён омадааст. Рисолати ин нашрияҳо, пеш аз ҳама, мусоидат намудан ба оммавӣ гардидани вижагиҳои соҳаи муайян, ба фаҳми муштариён расонидани таъйиноти он, фаҳмонидани ҳуқуқҳои онҳо ва амсоли ин аст. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ матбуоти соҳавӣ ҳамчун қисми таркибии матбуоти даврӣ рӯ ба рушд ниҳод ва дар низоми матбуоти тоҷик мавқеи ба худ хосро касб кард.

**- Ба назари шумо, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар кадом нашрияҳои соҳавӣ рисолати худро дар сатҳи баланд иҷро карда истодаанд ё ба иҷрои он вазифаю уҳдадориашон муваффақ шуданд?**

- Дар умум гуфта метавонам, ки ағлаб нашрияҳои соҳавӣ дар андешаи иҷрои рисолати худ ҳастанд ва дар ин ҷода пайваста кӯшиш ҳам мекунанд. Аммо иҷрои ин рисолат дар як сатҳ қарор надорад ва ин амри табиист. Чун банда ба соҳаи илму маориф ва фарҳангу адаб иртиботи бештар дорам, дар бораи рисолати нашрияҳои соҳаи маориф ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, аз қабили «Омӯзгор» ва «Адабиёт ва санъат» мехоҳам ибрози назар намоям. Зимнан ин нашрияҳо, ҳарчанд таъйиноти соҳавӣ доранд, аммо доираи хонандагонашон васеъ аст, зеро дилбохтагони илму адаб зиёданд. Гумон мекунам, ки чи «Омӯзгор» ва чи «Адабиёт ва санъат» рисолати худро ба таври ҳирфаӣ иҷро мекунанд. Танҳо як чашмандоз ба мундариҷаи ин нашрияҳо метавонад ин гуфтаро собит созад. Хусусан, «Омӯзгор» аз нигоҳи шаклу ороиш ва сифати чоп хеле пеш рафтааст. Бо вуҷуди ин, гоҳо мушоҳида мешавад, ки дар мундариҷаи нашрияҳо матолиби умумӣ, якранг ва аз доираи таъйиноти худ берун роҳ меёбанд. Ба далели фикр, вақте «Адабиёт ва санъат» ба ин ё он сана аъзои худро «шодбош» мекунад, бояд бештар аз фаъолияти эҷодӣ ва хусусияти осори ӯ матлаб интишор намояд, на аз корнамоиҳои сиёсиву ташкилиаш. Ба ҳамин монанд «Омӯзгор»-ро мебояд дар баробари хислатҳои инсонӣ ба маҳорату қобилияти педагогӣ ва таҷрибаи камназири «қаҳрамонон» таваҷҷуҳ намояд.

**- Рӯзноманигорони соҳавӣ бештар дар кадом жанрҳо мавод менависанд? Мегӯянд, ки баъзе жанрҳо, аз қабили лавҳа, очерк, фоторепортаж (фотогузориш) рисолати пешинаи худро аз даст додааст. Ин гуфта то куҷо асос дорад?**

- Масъалаи жанр аз рукнҳои касбияти рӯзноманигорӣ аст, ки мутаассифона, дар ВАО-и муосир, аз ҷумла, матбуоти даврӣ чандон риоя намешавад. Жанр ҳосили эҷодро ба шакл медарорад, кори хонандаро ҷиҳати дарки моҳияти матлаб осон мегардонад. Аслан, барои ин ё он намуди нашрия корбурди жанрҳои алоҳидаро муқаррар накардаанд, аммо таҷрибаи журналистӣ нишон медиҳад, ки ин ё он жанр дар ин ё он типи нашрияҳои даврӣ бартарӣ пайдо кунад. Аз ҷумла, барои нашрияҳои соҳавӣ жанрҳои хабар, ҳисобот, мусоҳиба, мақола, тақриз, лавҳа, очерк мувофиқтаранд, зеро пахши навгониҳо, пешниҳоди ҷараёни нишасту вохӯрӣ ва ҷаласаҳо, баррасии масъалаҳо, муайян намудани ҳусну қубҳи маҳсули эҷод, тасвири лаҳзаҳои ибратбахши зиндагӣ, нишон додани ташаккули шахсиятҳо, ки хоси ин типи нашрияҳост, асосан дар қолаби ин жанрҳо сурат мегирад. Албатта, дар нашрияҳои соҳавӣ гунаҳои ин жанрҳо ба мушоҳида мерасанд, аммо на ҳамеша унсурҳои жанрсоз дар онҳо риоя мешавад.

Дуруст мегӯянд, ки жанрҳои репортаж, лавҳа ва очерк рисолати пешинаи худро аз даст додаанд. Ба назари ман, ин жанрҳо, ки аслан зебоиро тасвир



мекунанд, аз нигоранда масъулияти дучандро мехоҳанд. Нигорандаро мебояд, ки аз як тараф, воқеиятро бинад, ҳақиқатро дуруст маърифат кунад, аз сӯйи дигар, аз аносири ҳунарӣ ва маҳорати зеб додани сухан бархӯрдор бошад. Бар замми ин, ӯ бояд зебоиро дӯст дорад ва зебопараст бошад, зеро яке аз хусусиятҳои ин жанрҳо талқини зебоӣ аст. Дар лавҳаву очеркҳои матбуоти имрӯзи мо ин ҷиҳатҳо намерасад, ки ағлаби нигоштаҳо хушку урён баромада, хусусияти тарҷумаиҳолӣ касб мекунанд.

**- Барои боз ҳам ҷолиб ва хонданӣ гардидани нашрияҳои соҳавӣ чӣ пешниҳод доред?**

- Нашрияҳои соҳавӣ ҳарчанд доманаи нисбатан маҳдуд доранд, аммо фаъолият намудан дар онҳо душвортар аст. Ин душворӣ агар, аз як тараф, ба донистани табиати соҳа, дуруст дарк намудани сиёсати он, маърифатона пайгирӣ намудани ҷараёни рушд алоқаманд бошад, аз сӯйи дигар, дар рӯҳияи ғояи миллӣ, гиромидошти арзишҳои соҳа ва бо риояи талаботи касбӣ инъикос намудани як ҷузъи таркибии ҳаёти иҷтимоӣ рабт мегирад. Ба ин мазмун, барои нашрияҳои соҳавӣ мақоли «пеш омаду хуш омад» ба хотири пур кардани саҳифа ҳеҷ гоҳ раво набояд бошад. Дар саҳифаҳои онҳо, пеш аз ҳама, ҳаёти ҳамон соҳа инъикос гардад. Имрӯз василаҳои дастрасии иттилоот ва пахши он хеле зиёд шудааст. Бозчопи маводи тариқи воситаҳои дигар интишоргардида ба манфиати хонанда буда наметавонад. Ҳамчунин, нашрияҳои соҳавӣ дар баробари инъикоси ҳаёти маъмурӣ ба муаррифии чеҳраҳои кору пайкорашон ибратомӯз, табодули таҷрибаи ҳамдигарӣ, ифшои камбудиҳои корӣ, муносибат ба кору фаъолият ва амсоли ин бояд эътибор диҳанд. Дар баробари ин, ҳар гуна нашрияи соҳавӣ метавонад, гӯша ва ё саҳифаи адабиву маърифатӣ ташкил намояд ва тавассути интишори маводи ҷолибу муассир дар бедории завқи хонандагон, ҳисси зебопарастӣ, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва худшиносиву худогоҳии онҳо саҳм гузорад.

**Чун мусоҳибаи мо дар арафаи иди матбуоти тоҷик сурат мегирад, мехоҳам кулли рӯзноманигоронро ба ин санаи касбӣ таҳният гӯям ва барояшон тансиҳатӣ, муваффақиятҳои эҷодӣ ва баракати зиндагӣ таманно бикунам.**

**Мусоҳиб**
**Н. ОХУНЗОДА**

# «МОҲПАЙКАРИ НАВРӮЗӢ» МУАЙЯН ШУД

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оила дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ озмуни ҷумҳуриявии «Арӯси наврӯзӣ»-ро ба роҳ мондааст, ки даври авали он миёни факултетҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва даври дуюмҷумҳуриявӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор мегардад.**

22 феврали соли ҷорӣ озмуни мазкур байни факултетҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доир гардид. Озмуни мазкурро ҳайати ҳакамон аз Вазорати маориф ва илм, кумитаҳои кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ва раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсӣ намояндагӣ намуда, ба маҳорату маърифати зеҳнии гулдухтарони донишгоҳ баҳогузорӣ намуданд. Дар озмуни мазкур донишҷӯдухтарон бо шартҳои «Соҳибҷамолӣ наврӯзӣ», «Соҳибхона», «Орифа», «Кадбонугӣ», «Соҳибҳунар» маҳорати баланд нишон дода, ба саволҳо посухҳои мушаххас доданд. Дар фарҷом ғолибон муайян гардида, бо тӯҳфаҳои хотиравии донишгоҳ сарфароз гардиданд. Як нафар донишҷӯдухтар ҳамчун ғолиби озмуни «Моҳпайкари наврӯзӣ» ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифт.

# «АРӮСИ НАВРӮЗӢ» ДАР ДМТ

**Бо мақсади тарбияи самарабахши ҷавондухтарон дар рӯҳияи худшиносӣ, одоби оиладорӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии донишҷӯдухтарон, ки ҳунарҳои хуби ҳозирҷавобӣ, кадбонуию рӯзгордорӣ ва маҳорати намоиши арӯси намунавии хонадони солимро доранд, 25-уми феврал озмуни маърифатӣ-зеҳнии «Арӯси наврӯзӣ» дар миёни донишҷӯдухтарони факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Озмуни маърифатӣ-зеҳнии «Арӯси наврӯзӣ» аз ду давра иборат буда, даври аввали он дар муассисаи таълимӣ ва даври дуюм дар ҷумҳурӣ то 15-уми март гузаронида мешавад. Дар озмуни мазкур, ки миёни донишҷӯдухтарони факултетҳои Донишгоҳи миллӣ гузаронида шуд, донишҷӯдухтарон аз санҷиш ва даврҳои зерини озмун ба хубӣ баромаданд: «Соҳибҷамоли наврӯзӣ» - маҳорати иштирокчиён бо пешниҳоди либосҳои миллии арусӣ, «Орифа» - маҳорати иштирокчиён дар самти ҳозирҷавобӣ, «Кадбону» - маҳорати духтарон дар самти омода намудани хуриши наврӯзӣ ва «Соҳибҳунар» - шарти махфӣ буд ва аз ҷониби ҳакамон саволҳо дар доираи одоби муошират, шартҳои асосии оиладорӣ ва ҳунари тозаю озода нигоҳ доштани либосҳо пешниҳод гардид.

Аъзои ҳакамон ба маҳорати донишҷӯдухтарони донишгоҳ баҳогузорӣ намуданд, ки ҷои аввал ба донишҷӯи курси 2-юми факултети молиявию иқтисодӣ Ганҷина Сафарова, ҷои дуюм ба донишҷӯдухтарон - Мавзуна Соқиева - донишҷӯи факултети забонҳои Осиё ва Аврупо ва донишҷӯи курси 5-уми факултети механикаю математика Сарвинаи Фармондухт ва ҷои сеюм ба Дилором Олимова – донишҷӯи курси 3-юми факултети иқтисод ва идора ва донишҷӯи курси 3-юми факултети тиббӣ Моҳрухсор Ҳабибулоева насиб гардид.

**Нигора ХУДОЙДОДОВА**

# Муаммои «Модар»



1. Гул. 2. Адиби тоҷик. 3. Ҳиссаи нутқ. 4. Маҷмӯаи ашъори Лоиқ. 5. Дарё. 6. Қаҳрамони «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 7. Шумораи миқдорӣ. 8.Исми шарқиёнаи Гален. 9. Муродифи осоиш. 10. Ҳаммаънои мақсад, мором. 11. Парандае, ки баҳор лона мегузорад. 12. Паранда, рамзи сулҳ. 13. Асбоби мусиқӣ. 14. Ноҳия дар Тоҷикистон. 15. Оҳанге аз мусиқии классикӣ. 16. Ҳарфи алифбои ниёгон. 17. Эъмори бино. 18. Муродифи иқдом. 19. Шайхурраис. 20. «Ба мақсад мерасад ҷӯёи ком оҳиста - ***» (Соиб). 21. Жанри адабиёти шифоҳӣ. 22. Мева. 23. Исми маъмулии мардона. 24. Макони донишандӯзӣ. 25. Асари Саъдӣ. 26. Шаҳр дар Тоҷикистон. 27. Аниси кунҷи танҳоӣ. 28. Фасли сол. 29. Сабз, сурх. 30. Муқобили сард. 31. Шаҳр дар Арабистони Саъудӣ. 32. Категорияи номуайянӣ дар асри X. 33. Кӯҳ дар ҶИЭ. 34. Асбоби зарбии мусиқӣ дар «Шоҳнома». 35. Кӯл дар Россия. 36. Зодгоҳи Ҳилолӣ. 37. Узви инсон. 38. Муншии дарбори Сомониён. 39. Собитшуда. 40. Ҳарфи алифбои ниёгон. 41. Синоними ҷуфтистеъмоли анъана.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

## СӮГВОРӢ

Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми вилояти Хатлон, кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз даргузашти собиқ раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Мирзоев ҲАЙДАР андӯҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

### МИРЗОЕВ ҲАЙДАР



11 июли соли 1937 дар ҷамоати деҳоти Обигарми ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна ба ҳайси муаллими фанни физика ва математика дар мактаби миёнаи №12 ба номи С. Айнии ноҳияи Куйбишев (ҳозира Абдураҳмони Ҷомӣ) фаъолият намудааст. Ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1963 хатм менамояд. Баъди хатми донишгоҳ то моҳи октябри соли 1963 дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда, сипас, то декабри соли 1974 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун муаллими фанни физика дар мактаб фаъолият намудааст. Аз декабри соли 1974 то соли 2014 дар вазифаи раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ фаъолият кардааст.

Барои меҳнати софдилонаю самаранок бо Ифтихорномаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон, медали ҷашнии «Барои меҳнати шуҷоатнок» бахшида ба 100-солагии В.И. Ленин, медали «Ветерани меҳнат», нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», ифтихорномаҳои кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми вилояти Хатлон ва Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР
Муассис: Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
САРМУҲАРРИР Э. ХУШВАХТОВ
Телефонҳо: 221-11-80 227-85-01 223-17-48 221-13-21 221-16-74
e-mail:kasaba_tj@mail.ru
Ҳайати таҳририя: Шарифзода Исмоил Зариф, Р. Одиназода, М.С. Қурбонов, М. С. Мироватов, С. Б. Шогузанфаров, Ҳ. С. Раҳматов, О. П. Усмонова, Т.Р. Раҷабов
Мухбирони минтақавӣ: Ҳ. Ҳамидов, И. Мақсудов.
Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.
Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36 ) ба чоп расидааст. Адади нашр: 4800
Нишонии моҳнома: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 20, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Индекс: 734012
Суратҳисоби бонкии мо: Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
РМА (ИНН) 01 000 37 95
20 20 29 72 61 690 1000 227
35 01 01 369
20 40 29 72 41 36 91
ҶСК Ориёнбонк, шаҳри Душанбе